ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
узви вобастаи АМИТ
_____Насриддинзода Э.С.
«___»_____соли 2026

ХУЛОСАИ

муассисаи давлатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба диссертатсияи Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевич дар мавзуи «Фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино (таҳлили муқоисавӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа.

Таҳқиқоти диссертатсионии Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевич дар мавзуи «Фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино (таҳлили муқоисавӣ)» дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевич соли 2003 ба шуъбаи рӯзонаи факултети шарқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2008 аз рӯйи ихтисоси шарқшинос – филолог (филологияи араб) бо дипломи аълочӣ ДОА №0002715 хатм намудааст.

Рисолаи номзадиро таҳти унвони «Соотношение религиозного и светского в реформаторских воззрениях Мухаммада Абдо» аз руйи ихтисоси 09. 00.14 –Фалсафаи дин ва диншиносӣ таҳти роҳбарии доктори илмҳои фалсафа, профессор Ғоибов М.Д. ва номзади илмҳои фалсафа Мирзоев Ғ.Ҷ. дифо намудааст. Дипломи номзади илм, КНД № 031301.

Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2025, №5, ба ӯ унвони илмии дотсент аз руйи ихтисоси фалсафа, дипломи ДДТ № 0888 дода шудааст.

Бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 2021 таҳти №309-05 Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевич ба ҳайси докторанти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуда, мавзуи рисолаи доктории ӯ таҳти унвони «Фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино (таҳлили муқоисавӣ)» (01.09. 2021, № 309-05) тасдиқ шудааст.

Мушовири илмӣ: Содиқӣ Насиба Нуруллозода – доктори илмҳои фалсафа, профессор, директори Муассисаи давлатии Маркази таълимии занон «Сарвар» мебошад.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқи суратҷаласаи №2/1 аз 16 сентябри соли 2026 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Аз натиҷаи баррасии диссертатсия хулосаи зерин қабул карда мешавад:

– Диссертатсияи Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевич дар мавзуи «Фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино (таҳлили муқоисавӣ)» ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он аз рӯйи ихтисоси баррасишаванда пурра мутобиқат мекунад.

Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мавзуи диссертатсияи Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевич таҳти унвони «Фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино (таҳлили муқоисавӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, аз рӯйи мазмун, ҳадаф ва вазифаҳои илмии худ ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд мебошад.

Алоқамандии мавзуи диссертатсия, пеш аз ҳама, дар таҳқиқи таърихи афкори фалсафӣ, омӯзиши мероси илмӣ ва маънавии мутафаккирони барҷастаи Шарқ, рушди методологияи маърифати илмӣ, таҳкими худшиносии миллӣ ва муайян намудани ҷойгоҳи афкори фалсафии гузашта дар рушди илм ва фарҳанги муосир ифода меёбад.

Дар диссертатсия масъалаҳои бунёдии таърихи фалсафа, аз ҷумла заминаҳои иҷтимоию таърихии ташаккули таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино, масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, ахлоқ, фалсафаи сиёсӣ, назарияи давлат ва ҷомеаи фозила, инчунин таъсири мероси илмии ин мутафаккирон ба инкишофи фалсафаи Шарқу Ғарб мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтаанд. Омӯзиши ин масъалаҳо барои рушди таҳқиқоти бунёдӣ дар соҳаи фалсафа, такмили донишҳои таърихию фалсафӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ аҳаммияти назариявӣ дорад.

Ҳамзамон таҳқиқоти мазкур бо сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти омӯзиш ва муаррифии мероси илмии мутафаккирони барҷаста, ҳифзи арзишҳои таърихию фарҳангӣ, рушди тафаккури илмӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ мувофиқат менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар рушди илмҳои фалсафӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои илмӣ-методӣ ва такмили таълими таърихи фалсафа дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шаванд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети

фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 дар мавзуи «Арзишҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ-фарҳангии тоҷику форс ва нақши онҳо дар таҳкими худшиносии миллии тоҷикон» анҷом дода шудааст. Ин ҳолат робитаи бевоситаи таҳқиқотро бо фаъолияти илмии муассиса ва масъалаҳои муҳимми рушди илми фалсафа нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, мавзуи диссертатсияи Амондуллоев Б.С. ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ, бахусус таърихи фалсафа, омӯзиши мероси илмӣ ва фарҳангӣ, рушди тафаккури фалсафӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ алоқаманд буда, аз ҷиҳати мазмун ва натиҷаҳои пешбинишуда ба талаботи таҳқиқоти бунёдии илмӣ мувофиқат менамояд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Фалсафаи машшоияи шарқӣ дар таърихи фалсафа ҷойгоҳи вижа дошта, яке аз мактабҳои маъруфест, ки дар ташаккули афкори фалсафии ҷаҳониён, умуман ва тоҷикон, хоссатан, нақши муассире гузоштааст. Омӯзишу таҳқиқи андеша ва осори намояндагони ин мактаби фалсафӣ дар асоси методологияи илмӣ ва бо такя ба марҳилаҳои таърихии илму афкори фалсафӣ муҳим ва мубрам мебошад. Махсусан, таҳлили муқоисавии афкори фалсафии маъруфтарин чеҳраҳои ин мактаб, ба мисли Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино, бешубҳа, муҳим ва ҷавобгӯ ба талаботи замон аст. Зеро дар даврони шуравӣ, аслан, пажуҳиши масъалаҳое матраҳ мешуд, ки ба талаботи идеологияи ҳукмрон мувофиқ буд. Баъди ба даст овардани истиқлолият яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти илмии кишвар бознигарӣ ва муаррифии чеҳраҳои илмист, ки дар шароити таҳкими давлатдории миллӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ нақши муассир доранд.

Ба алоқамандон маълум аст, ки миёни фалсафаи муосиру классикӣ тафовути ҷиддӣ ҷой дорад, аммо ин ҳаргиз ба он маъно нест, ки фалсафаи классикӣ кӯҳнаву нодаркор шуда бошад. Баръакс, фалсафаи классикӣ чун бунёди аслии фалсафаи муосир баромад намуда, ба шинохти воқеии ҷанбаҳои норавшани он мусоидат менамояд.

Зарурати таҳқиқу баррасии мавзуи мазкур инчунин дар он аст, ки тоҷикон имрӯз дар шароити соҳибистиқлолӣ ба эҳёи фарҳанги гузаштаи аҷдодӣ рӯй оварда, раванди худшиносии миллиро тақвият мебахшанд. Пас зарурати таҳлилу баррасӣ ва муқоисаи афкори фалсафии шахсиятҳои таърихии мо, махсусан мутафаккироне, ки дар ҳавзаҳои мухталифи илмии олам дар масоили гуногун ба осори онҳо такя мекунанд, амри зарурист.

Таҳлили муқоисавии афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино аз он ҷиҳат низ дорои аҳаммияти илмист, ки ҳамоҳангиву тафовути ақида ва андешаҳои ин ду симои асосии фалсафаи машшоияи шарқӣ баррасӣ гардида, ба дарки ҳамаҷонибаи ҷаҳонбинии онҳо имконият фароҳам меорад, ки дар

соҳаҳои гуногуни илмҳои муосир, махсусан таърихи фалсафа, арзишманд аст.

Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи мероси фалсафии ин ду донишманд на танҳо дорои аҳаммияти назариявӣ ва таърихию фалсафӣ, балки аҳаммияти муҳими фарҳангӣ, маърифатӣ ва амалӣ низ мебошад. Натиҷаҳои чунин таҳқиқот метавонанд дар таҳкими худшиносии миллӣ, эҳёи арзишҳои зеҳнию маънавии халқи тоҷик ва муайян намудани ҷойгоҳи шоистаи мероси фалсафии тоҷикон дар таърихи афкори фалсафии ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузоранд.

Аз ин мавқеъ, мубрамияти таҳқиқоти мазкур дорои хусусияти таърихию фалсафӣ, назариявӣ, методологӣ, муқоисавӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ буда, анҷом додани он метавонад барои пурра намудани донишҳои илмӣ оид ба қонуниятҳои ташаккул ва таҳаввули фалсафаи асримиёнагии Шарқ, мушаххас намудани таносубу тафовути таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ва муайян намудани аҳаммияти мероси онҳо дар шароити муосир мусоидат намояд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки муаллиф мустақилона таҳқиқоти диссертатсиониро анҷом дода, масъалагузорӣ, муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқ, ҷамъоварӣ, гурӯҳбандӣ, таҳлил ва арзёбии сарчашмаҳои илмиро ба роҳ мондааст. Муаллиф осори фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Синоро мавриди омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ қарор дода, умумият, тафовут, пайванди ғоявӣ ва хусусиятҳои хоси таълимоти фалсафии онҳоро муайян намудааст.

Дар раванди таҳқиқ муаллиф мустақилона заминаҳои таърихию фарҳангӣ ва сарчашмаҳои ғоявии ташаккули афкори фалсафии мутафаккирони мазкурро таҳлил намуда, масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, инсоншиносӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии таълимоти онҳоро дар робитаи мутақобила мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ хусусиятҳои идомати анъанаҳои фалсафӣ, шаклҳои таъсирпазирӣ ва ҷанбаҳои навоваронаи афкори ҳар ду мутафаккир муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд.

Саҳми шахсии муаллиф ҳамчунин дар таҳияи муносибати муаллифӣ ба масъалаҳои баҳсталаби мавзуъ, арзёбии интиқодии мавқеъҳои дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ мавҷуда, ҷамъбаст ва низомбандии натиҷаҳои таҳқиқоти қаблӣ ва пешниҳоди хулосаҳои мустақили илмӣ ифода меёбад. Дар натиҷаи таҳқиқ муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҷойгоҳ ва нақши мероси фалсафии Форобӣ ва Ибни Синоро дар рушди афкори фалсафии Шарқ ва фалсафаи ҷаҳонӣ аз дидгоҳи муқоисавию муназзам муайян намояд.

Натиҷаҳои асосии илмӣ, хулосаҳо ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшаванда маҳсули таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф буда, саҳми шахсии ӯ дар гузориши масъалаҳои илмӣ, интихоби роҳҳои ҳалли онҳо, таҳлилу тафсири маводи назариявӣ, асоснок намудани натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-назариявӣ инъикос меёбад. Мақолаҳои илмии муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия низ натиҷаҳои асосӣ ва муқаррароти назариявии таҳқиқоти анҷомдодаро фаро мегиранд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур мероси фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино дар заминаи ягонаи назариявию методологӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифта, умумият, тафовут, пайванди ғоявӣ, идомати анъанаҳои фалсафӣ ва хусусиятҳои мустақили таълимоти ҳар ду мутафаккир муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд. Дар таҳқиқот кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки муносибати фалсафии ин ду мутафаккир на танҳо аз мавқеи таъсирпазирии яке аз дигаре, балки ҳамчун раванди мураккаби идомат, бозандешӣ, такмил ва рушди эҷодии анъанаи фалсафӣ арзёбӣ карда шавад.

Навгонии илмии таҳқиқот, аз ҷумла, дар натиҷаҳои зерин ифода меёбад:

- заминаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғоявии ташаккули ҷаҳонбинии фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино дар алоқамандии мутақобила мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифта, таъсири муҳити маънавию илмии замон, анъанаҳои фалсафии Юнони бостон ва дастовардҳои афкори илмии Шарқ ба ташаккули низоми фалсафии онҳо мушаххас карда шудааст;

- асосҳои назариявӣ ва методологии таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино ба таври муқоисавӣ таҳлил гардида, умумият ва хусусиятҳои фарқкунандаи усули маърифат, тарзи масъалагузорӣ ва низоми истидлоли фалсафии онҳо муайян карда шудаанд;

- муносибати ғоявии таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино таҳлил гардида, нишон дода шудааст, ки робитаи байни афкори онҳо танҳо ба қабул ва идомаи ғояҳои пешин маҳдуд намегардад. Ибни Сино як қатор масъалаҳои бунёдии фалсафиро дар асоси анъанаи мавҷуда бозандешӣ намуда, онҳоро такмил дода, дар баъзе мавридҳо роҳҳои мустақили ҳалли онҳоро пешниҳод кардааст;

- масъалаҳои ҳастӣ, моҳият, сабабият ва сохтори воқеият дар таълимоти ҳар ду мутафаккир дар доираи таҳлили муқоисавӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи ҳастишиносии онҳо муайян карда шудаанд;

- ақидаҳои маърифатшиносии Форобӣ ва Ибни Сино, аз ҷумла масъалаҳои ақл, ҳис, таҷриба, маърифат ва таносуби зинаҳои дониш ба

таври муназзам муқоиса гардида, хусусиятҳои рушди назарияи маърифат аз Форобӣ то Ибни Сино мушаххас карда шудаанд;

- ақидаҳои инсоншиносӣ ва ахлоқии ҳар ду мутафаккир дар робита бо мафҳумҳои инсон, нафс, ақл, фазилат, камолот ва саодат мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифта, умумият ва хусусиятҳои фаҳмиши онҳо пиромуни мақом ва ҳадафи инсон муайян карда шудаанд;

- афкори иҷтимоӣ ва сиёсии Форобӣ ва Ибни Сино дар робита бо тасаввуроти онҳо оид ба ҷомеа, давлат, ҳамкории иҷтимоӣ, адолат, ахлоқ ва саодати инсон таҳлил гардида, ҷойгоҳи ин масъалаҳо дар сохтори умумии ҷаҳонбинии фалсафии онҳо мушаххас карда шудааст;

- ҷойгоҳ ва саҳми Форобӣ ва Ибни Сино дар таҳаввули анъанаи фалсафии Шарқ ва рушди афкори фалсафии ҷаҳонӣ аз мавқеи муқоисавӣ арзёбӣ гардида, аҳаммияти мероси онҳо дар интиқол, ҳифз, бозандешӣ ва рушди донишҳои фалсафӣ муайян карда шудааст;

- аҳаммияти муосири мероси фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино аз дидгоҳи масъалаҳои рушди тафаккури илмӣ, фарҳанги маънавӣ, худшиносии таърихӣ, тарбияи ахлоқӣ ва муколамаи фарҳангҳо муайян гардида, имкониятҳои истифодаи неруи маърифатӣ ва методологии ғояҳои онҳо дар шароити муосир асоснок карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, навгонии асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар пешниҳоди муносибати маҷмуӣ ва муқоисавӣ ба мероси фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино, муайян намудани таносубу тафовути афкори онҳо ва ошкор намудани робитаи низомии ҷанбаҳои асосии таълимоти фалсафии ин ду мутафаккир ифода меёбад. Ин равиш имкон медиҳад, ки ҷойгоҳи ҳар кадоми онҳо дар таҳаввули фалсафаи асримиёнагии Шарқ ва афкори фалсафии ҷаҳонӣ дақиқтар муайян карда шавад.

Заминаҳои назариявии таҳқиқотро пеш аз ҳама осори фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино, инчунин асарҳои олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ки ба омӯзиши таърихи фалсафаи Шарқ, фалсафаи асримиёнагии исломӣ, масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, мантиқ, инсоншиносӣ, ахлоқ ва афкори иҷтимоию сиёсии мутафаккирони мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Дар таҳқиқот ҳамчун сарчашмаҳои бунёдии назариявӣ осори Абунасри Форобӣ, аз ҷумла «Китоб ал-ҳуруф», «Орои аҳли мадинаи фозила», «Эҳсо-ул-улум», «Китоб ас-сиёсат ал-мадания» ва дигар рисолаҳои фалсафию мантиқии ӯ, инчунин асарҳои Абуалӣ ибни Сино – «Китоб аш-Шифо», «Китоб ан-Наҷот», «Ал-Ишорот ва-т-танбеҳот», «Донишнома» ва дигар таълифоти фалсафии ӯ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Заминаҳои муҳимми назариявии таҳқиқотро ҳамчунин осори олимони тоҷик ва муҳаққиқони мактаби фалсафашиносии Тоҷикистон, ки

масъалаҳои таърихи фалсафаи халқи тоҷик, афкори фалсафии асримиёнагӣ ва мероси илмии Форобию Ибни Синоро таҳқиқ намудаанд, ташкил медиҳанд. Дар ин самт асарҳои М.С. Осимӣ, М. Диноршоев, А.М. Баҳоваддинов, М. Ҳазратқулов ва дигар муҳаққиқони ватанӣ дорои аҳаммияти назариявию методологӣ мебошанд.

Ҳангоми таҳқиқи масъала аз дастовардҳои шарқшиносӣ ва таърихи фалсафаи русу шуравӣ низ истифода шудааст. Асарҳои В.В. Бартолд, Е.Э. Бертелс, Б.Г. Ғафуров, В.В. Соколов ва дигар муҳаққиқон барои муайян намудани муҳити таърихию фарҳангии ташаккули фалсафаи асримиёнагии Шарқ, робитаи он бо анъанаи фалсафии антиқӣ ва арзёбии ҷойгоҳи Форобӣ ва Ибни Сино дар таърихи фалсафа аҳаммияти назариявӣ доранд.

Ҳамзамон, таҳқиқоти олимони хориҷӣ, аз ҷумла Моҷид Фахрӣ, Ричард Ён, Розентал Франс, Ҳерман Лей ва дигар муҳаққиқони фалсафаи исломӣ барои таҳлили масъалаҳои пайдоиш ва таҳаввули машшоия, назарияи ақл, ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва робитаи фалсафаи арабизабони асримиёнагӣ бо анъанаҳои юнонӣ ва аврупоӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар баробари ин, барои муайян намудани сарчашмаҳои ғоявии таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино осори Афлотун, Арасту, Флутин ва дигар намояндагони фалсафаи антиқӣ аҳаммияти назариявӣ доранд. Муқоисаи ғояҳои онҳо бо таълимоти мутафаккирони мавриди таҳқиқ имкон медиҳад, ки хусусияти қабул, тафсир, бозандешӣ ва рушди эҷодии анъанаи фалсафии антиқӣ дар муҳити тамаддуни асримиёнагии Шарқ муайян карда шавад.

Ҳамин тариқ, заминаи назариявии таҳқиқотро маҷмуи сарчашмаҳои аслӣ ва дастовардҳои илмии фалсафашиносии ватанию хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки истифодаи муқоисавӣ ва интиқодии онҳо барои таҳлили ҳамаҷонибаи ташаккул, мазмун, умумият, тафовут ва қонуниятҳои рушди таълимоти фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино заминаи зарурии илмӣ фароҳам меорад.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро маҷмуи принсипҳо, равишҳо ва усулҳои умумиилмӣ ва махсуси таҳқиқоти фалсафӣ ташкил медиҳанд, ки истифодаи онҳо имконият фароҳам овард, то мероси фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино дар робитаи таърихӣ, мантиқӣ ва мазмунии он мавриди омӯзиши ҳамаҷониба ва муқоисавӣ қарор дода шавад.

Дар таҳқиқот, пеш аз ҳама, принсипҳои таърихият, объективият, низомнокӣ, пайдарҳамии мантиқӣ ва ягонагии таърихию мантиқӣ истифода шудаанд. Принсипи таърихият имкон дод, ки афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино дар заминаи шароити мушаххаси иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавии давраи ташаккул ва фаъолияти онҳо омӯхта шавад. Принсипи

объективият барои арзёбии мероси мутафаккирон бидуни муносибати якҷониба ва бо дарназардошти хусусиятҳои муҳити таърихию фарҳангии замони онҳо истифода гардид. Принсипи низомнокӣ бошад, имкон фароҳам овард, ки ҷанбаҳои онтологӣ, гносеологӣ, мантиқӣ, инсоншиносӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии таълимоти онҳо ҳамчун унсурҳои бо ҳам алоқаманди низоми ягонаи фалсафӣ мавриди таҳлил қарор дода шаванд.

Методи диалектикӣ ҳамчун яке аз усулҳои умумии маърифат барои муайян намудани робитаи мутақобила, таҳаввул ва идомати ғояҳои фалсафӣ истифода шудааст. Тавассути он муносибати байни анъана ва навоварӣ, таъсирпазирӣ ва мустақилияти фалсафӣ, умумият ва тафовут дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино мавриди таҳлил қарор гирифт.

Методи таърихию фалсафӣ барои барқарор намудани заминаҳои пайдоиш ва таҳаввули ақидаҳои мутафаккирон, муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар раванди рушди фалсафаи асримиёнагии Шарқ ва ошкор сохтани робитаи таълимоти онҳо бо анъанаҳои пешини фалсафӣ истифода гардид.

Дар таҳқиқот методи муқоисавӣ мақоми махсус дорад. Бо истифода аз он масъалаҳои асосии таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино, аз ҷумла ҳастӣ ва моҳият, сабабият, ақл ва маърифат, инсон ва нафс, ахлоқ ва саодат, ҷомеа ва давлат муқоиса гардида, умумият, тафовут ва хусусиятҳои хоси мавқеи фалсафии ҳар кадоми онҳо муайян карда шуданд.

Методи герменевтикӣ ҳангоми шарҳу тафсири матнҳои фалсафии мутафаккирон, муайян намудани мазмуни мафҳумҳо ва истилоҳоти асосӣ ва дарки ғояҳои онҳо дар заминаи забонӣ, таърихӣ ва фарҳангии давраи дахлдор мавриди истифода қарор гирифт. Ин усул махсусан барои пешгирӣ намудани интиқоли бевоситаи маънои мафҳумҳои муосир ба матнҳои фалсафии асримиёнагӣ аҳаммият дорад.

Методи таҳлили мантиқӣ ва мафҳумӣ барои муайян намудани мазмун ва таносуби категорияҳои асосии фалсафӣ дар осори Форобӣ ва Ибни Сино, сохтори далелҳо, пайдарҳамии андешаҳо ва робитаи байни мафҳумҳои бунёдии таълимоти онҳо истифода шудааст.

Ҳамчунин, усулҳои таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, абстраксия ва ҷамъбасткунӣ, тасниф ва низомбандӣ ҳангоми омӯзиш ва коркарди маводи назариявӣ истифода гардиданд. Таҳлил барои ҷудо намудани ҷанбаҳои алоҳидаи таълимоти мутафаккирон, синтез барои барқарор намудани робитаи байни онҳо ва ҷамъбасткунӣ барои таҳияи натиҷаҳо ва хулосаҳои умумии илмӣ хизмат намуд.

Истифодаи ҳамгирои принсипҳо, равишҳо ва методҳои мазкур имкон фароҳам овард, ки мероси фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино на ҳамчун маҷмуи андешаҳои ҷудогона, балки ҳамчун низомҳои мукаммали фалсафӣ дар раванди ташаккул, таҳаввул ва таъсири

мутақобилаи онҳо таҳқиқ гардида, қонуниятҳои идомати ғоявӣ, умумият, тафовут ва хусусиятҳои навоваронаи таълимоти ҳар ду мутафаккир муайян карда шаванд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои бадастомада барои амиқтар намудани донишҳои илмӣ оид ба ташаккул ва таҳаввули афкори фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино, муайян намудани умумият ва тафовути таълимоти онҳо, инчунин мушаххас намудани ҷойгоҳи ин ду мутафаккир дар таърихи фалсафаи Шарқ ва афкори фалсафии ҷаҳонӣ мусоидат менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳанд, ки муносибати ғоявии байни таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино аз мавқеи нисбатан мукаммал арзёбӣ гардида, таносуби анъана, идомати ғоявӣ, бозандешӣ ва навоварӣ дар рушди афкори онҳо муайян карда шавад. Таҳлили муқоисавии масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, мантиқӣ, инсоншиносӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии мероси онҳо барои ташаккули тасаввуроти низомнок оид ба хусусиятҳои мактаби фалсафии машшоияи Шарқ ва қонуниятҳои рушди он заминаи назариявӣ фароҳам меорад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот ҳамчунин дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он метавонанд барои такмили равишҳои методологии омӯзиши мероси фалсафии асримиёнагии Шарқ истифода шаванд. Омезиши таҳлили таърихию фалсафӣ, муқоисавӣ ва герменевтикӣ имкон медиҳад, ки осори мутафаккирон на танҳо ҳамчун мероси таърихӣ, балки ҳамчун низоми ғояҳое таҳқиқ карда шавад, ки дар заминаи робитаи анъанаҳои гуногуни маърифатӣ ташаккул ва инкишоф ёфтаанд.

Хулосаҳои назариявии диссертатсия метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда оид ба таърихи фалсафаи тоҷик, фалсафаи асримиёнагии Шарқ, таърихи афкори иҷтимоӣ, масъалаҳои робитаи фарҳангҳо ва таъсири мутақобилаи анъанаҳои фалсафии Шарқу Ғарб заминаи муайяни илмӣ фароҳам оваранд. Онҳо ҳамчунин метавонанд барои омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои инсон, ақл, маърифат, ахлоқ, саодат, ҷомеа ва давлат дар мероси фалсафии мутафаккирони асримиёнагӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи натиҷаҳо, хулосаҳо ва маводи илмии диссертатсия дар фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва маърифатӣ ифода меёбад. Маводи таҳқиқот метавонад ҳангоми таҳияи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, монографияҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ оид ба таърихи фалсафа, фалсафаи Шарқ, фалсафаи тоҷик, фарҳангшиносӣ ва таърихи афкори иҷтимоӣ истифода шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла ҳангоми омӯзиши фанҳои «Фалсафа», «Таърихи фалсафа», «Фалсафаи Шарқ», «Таърихи фалсафаи тоҷик», «Фарҳангшиносӣ», инчунин ҳангоми таҳияи курсҳои махсус оид ба мероси фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино мавриди истифода қарор дода шаванд. Маводи диссертатсия ҳамчунин метавонад барои омода намудани лексияҳо, машғулиятҳои семинарӣ, корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва таҳқиқоти магистрӣ истифода гардад.

Ҷанбаи дигари аҳаммияти амалии таҳқиқот бо имконияти истифодаи мазмун ва ғояҳои маърифатӣ, ахлоқӣ ва инсонгароёнаи мероси Форобӣ ва Ибни Сино дар фаъолияти маърифатию тарбиявӣ алоқаманд мебошад. Андешаҳои онҳо оид ба мақоми дониш ва ақл, камолоти инсон, фазилатҳои ахлоқӣ, адолат, саодат ва муносибати шахс бо ҷомеа метавонанд ҳангоми омӯзиши таърихи фарҳанги маънавӣ ва тарбияи ҷаҳонбинии илмии насли ҷавон мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳамин тариқ, аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар такмили донишҳои таърихию фалсафӣ, низомбандии муносибати ғоявии Форобӣ ва Ибни Сино ва амиқ намудани таҳлили муқоисавии мероси онҳо, аҳаммияти амалии он бошад, дар имконияти истифодаи натиҷаҳои бадастомада дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, раванди таълим, таҳияи адабиёти илмӣ ва таълимию методӣ ва фаъолияти маърифатию тарбиявӣ ифода меёбад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдароии диссертатсия ва автореферата диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа мутобиқ мебошад.

Алоқамандӣ бо самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ. Таҳқиқот бо нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедра барои солҳои 2021–2025 дар мавзуи «Арзишҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ-фарҳангии тоҷику форс ва нақши онҳо дар таҳкими худшиносии миллии тоҷикон» алоқаманд аст. Мавзуъ ба омӯзиши мероси илмӣ ва фалсафӣ, таърихи афкори фалсафӣ ва рушди фарҳанги илмӣ равона шудааст.

Сохтори диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, 14 зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, феҳристи сарчашмаҳо ва адабиёт ва рӯйхати

интишорот иборат аст. Мазмуни бобҳо заминаҳои ташаккули таълимот, ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, масъалаҳои ахлоқию сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва таъсири мероси Форобию Ибни Синоро ба рушди фалсафа фаро мегирад.

Интишороти илмии довталаб. Мувофиқи хулосаи қаблии кафедра, 3 монография, 2 китоби дарсӣ, 1 воситаи таълимӣ ва 20 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшаванда зикр гардидааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

№ т/т	Номи маводди илмӣ	Иқтибос ба маводди илмӣ тибқи ГОСТ ё стандартҳои дигари байналмилалӣ	Пайванд (линк) барои дастрасӣ ё DOI	Ҳаммуаллифон (насаб, ном ва номи падар)
1	Монография	Перипатетизми шарқӣ: муқоисаи масъалаҳои назариявии фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино. –Душанбе, 2026. –276 с.	–ISBN 987-99985-50-72-8	
2	Монография	Амондуллоев Б.С. Проблемаҳои назариявии фалсафаи ҳуқуқ. [Матн] / И.Ҳ. Бобоҷонзода, Р.С. Одиназода, Б.С. Амондуллоев – Душанбе: «ЭР–граф», 2026. – 312 с.	– ISBN 978-99985-1-453-9	Бобоҷонзода И.Ҳ., Одиназода Р.С.
3	Монография	Амондуллоев Б.С. Методологияи фалсафаи ҳуқуқ. [Матн] / И.Ҳ. Бобоҷонзода, Р.С. Одиназода, Б.С. Амондуллоев – Душанбе: «ЭР–граф», 2026. – 444 с.	– ISBN 978-99985-1-453-9	Бобоҷонзода И.Ҳ., Одиназода Р.С.
1. Мақолаи илмӣ дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон				
1.	Мақолаи илмӣ	Амондуллоев Б.С. Таҳлили муқоисавии «Таҳсил-ус-саодат»-и Форобӣ ва «Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ»-и Ибни Мискавайҳ [Матн] / Б. С. Амондуллоев, П. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2021. -№ 5. –С. 105-115. УДК: 130 (575.3)	– ISSN 2074-1847.	Давлатов П.Н.
2.	Мақолаи илмӣ	Амондуллоев Б.С. Таҳлили муқоисавии афкори ахлоқии Арасту ва Форобӣ [Матн] / Б. С. Амондуллоев, П. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2021. -№ 8. –С, 105-112. УДК: 13 (575.3)	– ISSN 2074-1847.	Давлатов П.Н.

3.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Фазилат аз нигоҳи Арасту ва Ибни Мискавайҳ (таҳлили муқоисавӣ) [Матн] / П. Давлатов, Б. С. Амондуллоев// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2021. -№ 4. –С.132-142. УДК: 1(091): (575.3)	– ISSN 2074-1847.	Давлатов П.Н.
4.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Баъзе ақидаҳо доир ба таъсири Форобӣ ва Ибни Сино дар ташаккули мактаби машшоияи шарқӣ [Матн] /Б. С. Амондуллоев//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2022. -№3–С.105-116. УДК: 1(091) (575.3)	– ISSN 2074-1847.	
5.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Баъзе андешаҳо перомуни нақши Ибни Сино дар ташаккули мактаби машшоияи шарқӣ [Матн] / Б. С. Амондуллоев//Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (силсилаи фанҳои ҷамъиятшиносӣ», №1. –Душанбе, 2022. –С. 67-73.	ISSN 0235 – 005X.	
6.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Сарчашмаҳои таърихии ташаккули афкори фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Сино [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2022 -№2–С. 59-70. УДК: 1 (09) (575.3)	– ISSN 2074-1847.	
7.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Форобӣ ҳамчун поягузори машшоияи шарқӣ [Матн] / Б. С. Амондуллоев//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2022. -№ 4–С. 41-52. УДК: 111.3	– ISSN 2074-1847.	
8.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Баррасии мухтасари назарияи қиёс дар мантиқи Ибни Сино [Матн] / Б. С. Амондуллоев//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2022. -№ 9–С. 26-34. УДК: 1(091)	– ISSN 2074-1847.	
9.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Андешаҳои Форобӣ дар боби ахлоқ [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ (маҷаллаи илмӣ).–Душанбе, 2022-№4, бахши 2. –С. 29-36. ТД982-95.0-42.	– ISSN 2664-5696.	
10.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Масоили ҳастишиносӣ дар таълимоти Ибни Сино [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2023. -№10. –С. 155-163. ТДУ: 140.8 (575.3)	– ISSN 2074-1847.	

11.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Ҳастишиносии Форобӣ [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ. №1. –Душанбе, 2023. –С.114-120.	– ISSN 0235 – 005X.	
12.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Масъалаи нафс дар таълимоти фалсафии Абуалӣ ибни Сино [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ.№1.–Душанбе, 2024. –С. 89-96.	– ISSN 0235 – 005X.	
13.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Назарияи маърифати Абуалӣ ибни Сино [Матн] / Б. С. Амондуллоев//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2024. -№2. –С. 85-92. ТДУ: 130.2 (575.3)	– ISSN 2074-1847.	
14.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Шаклҳои ҳаракат аз назари Ибни Сино [Матн] / Б. С. Амондуллоев//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2024. -№6, қисми 1. –С. 76-82. ТДУ: 1.01 (575.3)	– ISSN 2074-1847.	
15.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Нигоҳе ба назарияи ҷавҳар ва араз дар таълимоти Ибни Сино [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2024. -№10. –С. 131-137. ТДУ: 128/129 (575.3)	– ISSN 2074-1847.	
16.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Таснифоти илм дар «Эҳсо-ул-улум»-и Форобӣ [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ. №3. –Душанбе, 2024. –С.74-80.	– ISSN 0235 – 005X.	
17.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Таъсири фалсафаи Абунасри Форобӣ ба Ибни Сино [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ. №2. –Душанбе, 2025. –С. 68-74.	– ISSN 0235 – 005X.	
18.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Масъалаи ҳаракат дар фалсафаи Абунасри Форобӣ [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2025. -№1. –С. 145-150.	– ISSN 2074-1847.	
19.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Масъалаи нафс ва тан дар фалсафаи Форобӣ [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2025. -№4. –С.134-140.	– ISSN 2074-1847.	

20.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Нигоҳе ба масоили илоҳиёт дар таълимоти Форобӣ [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ. №1. –Душанбе, 2026. –С.91-98.	– ISSN 0235 – 005X.	
2. Мақолаҳо ва фишурдаи маърузаҳо дар конференсияву симпозиумҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ				
21.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Сарчашмаҳои таърихии ташаккули афкори фалсафии Абунасри Форобӣ [Матн] / Б.С. Амондуллоев // (Маводи маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи “Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир” бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети фалсафаи ДМТ. –Душанбе, 2021. –С. 151-155.).	– ISBN 978-99975-338-3-8	
22.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Мавқеи саодат дар фалсафаи амалии Абунасри Форобӣ [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маводи Конференсияи байналмилалии илмию амалии дар мавзуи “Раванди ташаккулёбии институтсионалии кори иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо, масъалаҳо ва тамоюлҳо. – Душанбе, 2022. –С. 97-105.		
23.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Худшиносӣ ва масоили арзишҳои миллӣ дар таълимоти Ибни Сино [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилали дар мавзуи “Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ” бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (03 октябри соли 2023) –С. 249-256.	– ISBN 978-9995-338-3-8	
24.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Роль философского наследия представителей восточного перипатетизма в формировании личности в современных условиях [Текст] / Б.С. Амондуллоев // В сборнике: «Узбеко-Финское образование и проблемы воспитания гармоничного поколения». Материалы Международной научно-практической конференции. – Самарканд, 2024. –С. 539-542.		
25.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Нақши Форобӣ дар ташаккули фалсафаи машшоияи шарқӣ [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маҷмуаи мақола ва гузоришҳои Симпозиуми байналмилалии		

		“Таълимоти фалсафӣ-иҷтимоии Абунасри Форобӣ: моҳият ва аҳаммият барои ҷаҳони муосир”, (16-17 октябри соли 2024, ш. Душанбе, Тоҷикистон). –С. 485-497.		
26.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Меъёри маърифат дар таълимоти Ибни Сино [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маҷмуаи мақолаҳои Симпозиуми байналмилалии “Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ”. (–Душанбе, 4-5 ноябри соли 2025). –С. 362-367. (1287 с.) Бахши онтология, гнессеология, антропология, мантиқ. УДК620.22(082). ББК 30.3я43 П27.	- ISBN 987-985-880-356-8	
27.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Саҳми нобиғаи тоҷик- Пури Сино дар рушди тамаддуни умумибашарӣ [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маҷмуаи мақолаҳои Симпозиуми байналмилалии “Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ”. (–Душанбе, 4-5 ноябри соли 2025). –С. 844-853. (1287 с.) Бахши фалсафаи фарҳанг ва эстетика. УДК620.22(082).ББК 30.3я43 П27.	-ISBN 987-985-880-356-8	
28.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Some aspect of the anthropogical teaching of Mirzo Abdulkoodir Bedil Sodiki N.N. Umedov M.H. Amndulloev B.C. Proceedings of the internationai Science Conference «GIOBAL PERSPECTIVES IN SCIENCE EDUCATION AND APLIED RESEARCH» (May 21. 2025). Delhi. India. P. 73-79.		
29.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Нақши «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар ташаккули фарҳанги миллӣ. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи “Шоҳнама”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва нақши он дар шинохти таърих, фарҳанг ва ҳуввияти миллӣ”. – Душанбе, 2025. –С. 173-180.		
30.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Мақоми Абуалӣ ибни Сино дар ташаккули фалсафаи тоҷик [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маводи семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: “Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд”. –Душанбе, 2021. –С. 122-128.		
31.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Нақши «Таҳсил-ус-саодат»-и Форобӣ дар ташаккули илми ахлоқ [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Материалы круглого стола «Современные тенденции развития философской науки в Таджикистане и мире» (18		

		ноября 2022). –Душанбе, 2022. –С.13-20. Филиал МГУ в г.Душанбе УДК: 171(575.3)		
32.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Назаре ба забони фалсафа ва зарурати омӯзиши он дар замони истиқлол / [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маводи семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: “Масоили мубрами улуми фалсафӣ дар Тоҷикистони муосир». –Душанбе, 2022. –С. 92-99.		
33.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. ««Эҳсо-ул-улум» аввалин доират-ул-маорифи шарқӣ» [Матн] / Б.С. Амондуллоев / [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи: «Масъалаҳои мубрами фалсафаи муосир: мушкилот ва дурнамо». – Душанбе, 12-уми марти соли 2024. –С. 79-86.	ISBN 987-99985-46-85-1.	
34.	Мақола и илмӣ	Амондуллоев Б.С. Раванди худшиносии миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ / [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: «Ташаккули худшиносии миллии ҷавонон-яке аз роҳҳои муқовимат бар зидди идеологияи экстремистӣ» (ш. Душанбе, 31.03.2026). – Душанбе, ДМТ, 2026. –С. 92-100.		

Мутобиқати интишорот ба мазмуни диссертатсия ва татбиқи натиҷаҳо. Мавзуъҳои интишороти овардашуда ба масъалаҳои таърихи фалсафа, машшоияи шарқӣ, ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва ахлоқи Форобию Ибни Сино иртибот доранд.

Кафедра масъалаи мазкурро муҳокима намуда,

қарор кард:

1. Диссертатсияи Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевич дар мавзуи «Фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино (таҳлили муқоисавӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа таҳқиқоти илмии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсия бо дарназардошти бартараф намудани эродҳои муқарризон ва тасдиқи маълумоти интишорот барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии дахлдор тавсия карда шавад.

3. Аз Шурои диссертатсионии дахлдор хоҳиш карда шавад, ки қарори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба инобат гирад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 18 – нафар, аз ҷумла 2 нафар мутахассисон берун аз муассиса (профессор Зиёӣ Х.М. ва Самиев Б.Ҷ.). Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 18 нафар, зид – нест, бетараф – нест, суратҷаласаи №2/1 аз 16 сентябри соли 2026.

Мудири кафедраи таърихи фалсафа
ва фалсафаи иҷтимоии факултети
фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои фалсафа, профессор Амирхон Ш.Т.

Котиби ҷаласа:
доктори фалсафа PhD, муаллими калони
кафедраи таърихи фалсафа
ва фалсафаи иҷтимоии факултети
фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзозода А.М.

Имзои Амирхон Ш.Т ва Мирзозода А.М.-ро тасдиқ мекунам.
Сардои РК ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.